Ба Шурои диссертатсионии **6D.KOA-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иктисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ махсусан таъмини аҳолии минтақаҳо бо маҳсулоти озуқаворӣ яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятнок мебошад. Зеро он дар татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат, яъне "Таъмини амнияти озуқаворecho кишвар ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат" ва "Коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ" нақши калидӣ мебозад. Аз ин лиҳоз фарогирии илмии мавзуи интихобшуда «Механизми ташкилӣ - иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» мубрам ва саривақтӣ мебошад. Қобили тазаккур аст, ки дар айни замон, талабот ба маҳсулоти ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза, зарурати рушди низоми истеҳсолоти ватаниро, ки ба талабот ва шароити иқтисоди муосири бозорӣ ҷавобгӯ мебошад, талаб менамояд.

Дар робита ба ин, унвонҷӯ дар автореферат бисёр ба маврид қайд намудааст, ки дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, зарурияти мукаммалгардонии алоқаҳои байниминтақавии озуқаворӣ ва ашёи хом тавассути махсусгардонии минтақавии он бо назардошти шароитҳои табиӣ, ки барои истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мусоид мебошанд ва аз тарафи дигар, аз ҳисоби истифодаи манбаъҳои худтаъминкунии минтақаҳо ба вуҷуд меояд, баррасӣ намудани масъалаи мазкур аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд (саҳ.11).

Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳо ва имкониятҳои фарохи таббии бархурдор мебошад. Аз ин хотир, рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бозорҳои дохилию минтақавӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, метавонад дарояндаи наздик ҷумҳурии моро ба яке аз кишварҳои пешсафи саноатӣ ва содиркунандаи маҳсулоти ватанӣ дар минтақа табдил диҳад. Таҷрибаи давлатҳои дар ин самт рушднамуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди ин соҳа аз пешниҳоди имтиёзҳои давлатӣ

вобастагии зиёд дорад. Дар чунин шароит дарёфти механизмҳо ва абзорҳои таъсирбахши молиявӣ барои кишвари мо зарур арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба ин муаллиф дар афтореферат барои самарабахшии соҳаи мазкур пешниҳод намудааст, ки бояд дар самти рушди комплекси агросаноатӣ чораҳои зерин андешида шаванд:

– коҳиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзиро аз байн бурдан ва фароҳам овардани шароит барои афзоиши минбаъдаи он бо мақсади таъминоти эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти ниёзи аввалия бо нархи дастрас;

– дар заминаи ба эътидол овардани раванди истеҳсолот ва тадбирҳои дастгирии давлатӣ, барҳам додани зарар ва омилҳои пардохтнопазирии корхонаҳои кишоварзӣ, беҳтарсозии вазъи молиявӣ ва иқтисодии истеҳсолкунандагони ҳама шаклҳои ҳуқуқии моликият. (саҳ.13).

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳо ва таҳлилҳои дар автореферати Назарзода А.С., зикргардида қобили дастгирӣ мебошад. Ғайр аз ин дар баробари муваффақиятҳо як чанд камбудӣ низ ҷой дорад, ки иқтидори илмии таҳқиқотро коста намегардона.

Дар афтореферати мазкур камбудиҳои имлоӣ, дар баъзе мавриди нофаҳмо будани калимаҳо ва ҷадвалҳоро во хурдан мумкин аст, ки онҳоислоҳшаванда мебошанд.

Дар хулоса қайд намудан ба марид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Назарзода А.С., дар мавзуи «Механизми ташкилӣ – иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назарзода Алишер Сафар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

Декани факултети молия ва иқтисоди
Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қудратзода П.Қ.

Имзои Қудратзода П.Қ.-ро
тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДД Асадуллоева Д.

Суроға: 735320,
н. Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел: +992 (83312) 22806
10.06.2023 с.